ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Азимов Ҷамшед Аслиддинзода дар мавзуи «Методикаи арзёбии дастовардҳои таълимии довталабон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар асоси натиҷаҳои имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.4. Назария ва методикаи таълими адабиёти тоҷик

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Дар шароити муосири рушди илм ва технологияи таҳсилот, ки низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он такя мекунад, гузариш ба усулҳои инноватсиониву стандартикунонии арзёбии сатҳи дониш ва татбиқи низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ (ИМД) ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ (МТТМОК)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз заминаҳои устувор дар таъмини шаффофият, арзёбии воқеии сатҳи дониш ва рушди сифати таҳсилот ба шумор меравад.

Татбиқи низоми ИМД ва таҳлили илмию методии натиҷаҳои онҳо барои такмили бевоситаи раванди таълим ва меъёрҳои баҳогузорӣ ба дониш ва малакаю маҳоратҳои хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ) таҳқиқи амиқро талаб мекард. Дар рисолаи илмии Азимов Ҷамшед Аслиддинзода, ки дар он раванди таҳияи абзори босифати арзёбии натиҷаи барномаҳои таълимии фанҳо (тестҳо), усулҳои инноватсионии арзёбии сатҳи дониш, тафаккури интиқодӣ ва малакаю маҳоратҳои зеҳнии хонандагон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, ниҳоят мубрам, саривақтӣ ва дорои аҳаммияти калони назариявию амалӣ ва методӣ мебошад.

Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои илмӣ. Маводди илмии дар раванди кори таҳқиқотӣ аз он далолат менамояд, ки муҳаққиқ ҳаҷми калони маълумоти ба мавзуи таҳқиқот мутаалликро дақиқан дар заминаи пойгоҳи додаҳои Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ММТНПҶТ), бахусус натиҷаҳои ИМД дар солҳои 2016-2019 коркард ва

таҳлил намудааст. Фарзияи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои гузошташуда мантиқан асоснок карда шуда, усулҳои интихобшудаи таҳқиқот (таҳлили оморию психометрӣ, муқоиса ва моделсозии педагогӣ ва ғайра) имкон додаанд, ки хулосаҳои имиву воқеӣ ва натиҷаҳову тавсияҳои боэътимоду назаррас ба даст оянд, ки тавассути он дар раванди таълими фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва барои баланд гардидани сифати таҳсилот ва сатҳи дониши хонандагон таъсири мусбӣ мерасонад.

Навоварии илмӣ ва аҳаммияти амалии таҳқиқот. Саҳми асосии муҳаққиқ дар таҳқиқи мавзуи илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал дар самти методикаи инноватсионии таълими фанни забон ва адабиёти тоҷик, натиҷаҳои ИМД ҳамчун манбаи асосии ташхиси мушкилот дар раванди таълими фанни забон ва адабиёти тоҷик, муайян кардани сатҳи донишу салоҳиятҳои фаннии хатмкунандагони МТМУ арзёбӣ шудаанд. Дар кори диссертатсионӣ матритса (мушаххасот)-и тестҳои фанни забон ва адабиёти тоҷик ва методикаи махсуси арзёбии натичаҳои таълими фанни забон ва адабиёти тоҷик бо воситаи абзорҳои мушаххаси илмӣ пешниҳод шудааст, ки барои такмили низоми арзёбии сатҳи дониш ва сифати таҳсилот ва усули инноватсионии таълими фанни забон ва адабиёти тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ равона гардидааст, мусоидат менамояд.

Афзалиятҳои кор ва мувофиқати автореферат. Автореферат сохтори ниҳоят амиқ ва мантиқӣ дорад. Он мундариҷаи асосии диссертатсияро пурра ва аниқ инъикос менамояд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастурҳои методӣ ва маводди конфронсҳо ба таври кофӣ инъикос ёфтаанд.

Эродҳо ва пешниҳодҳо. Арзиши баланди илмии таҳқиқотро эътироф намуда, ҳамзамон зикр кардани эрод ва пешниҳодҳои зеринро лозим медонем:

1. Аз матни автореферат комилан равшан нест, ки дар сохтори методикаи пешниҳодшуда хусусиятҳои хоси арзёбии қисми адабиёт (масалан, дарки матни бадеӣ, таърихи адабиёт ва назарияи он) аз қисми забони тоҷикӣ (қоидаҳои имло ва грамматика) чӣ гуна фарқ карда мешаванд ва кадоме аз бахшҳо дар ИМД барои довталабон душвортар арзёбӣ гардидааст. Агар довталаби дараҷаи илмӣ ин нуктаро дар кори минбаъдааш ба назар гирад, таҳлил равшантар мешавад.

2. Дар матни автореферат баъзе ғалатҳои техникии чопӣ ва номувофиқатии қимати баъзе додаҳо ба назар мерасанд, ки албатта ба мазмуну моҳияти умумии ин кори пуразриш таъсири манфӣ намерасонанд, вале ислоҳ кардани онҳо зарур мебошад.

Дар хулоса натиҷаҳои таҳқиқот ва дастовардҳои он ҷамъбаст гардида, чунин нуктаҳои муҳимми он таъкид гардидаанд.

Маълумотҳое, ки дар рафти кори таҷрибавӣ ба даст оварда шудаанд, муқаррароти назариявии мавҷударо тасдиқ намуданд.

Таҳқиқоти илмии анҷомёфтаро ҳамчун коркарди аз ҷиҳати илмӣ асоснок, ки ҳалли масъалаҳои муҳимро дар соҳаи илми педагогӣ таъмин мекунанд, тавсиф намудан мумкин аст. Рафти таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки муаррифӣ гардиданд, асоснок мебошанд.

Таҳлили адабиёти пешниҳодшудаи автореферат ва корҳои чопшуда аз он шаҳодат медиҳад, ки мавзуи таҳқиқоти анҷомдодаи Азимов Ҷамшед Аслиддинзода ба мазмун ва мундариҷаи автореферат мувофиқ аст.

Автореферати диссертатсияи Азимов Ҷамшед Аслиддинзода дар асоси талаботҳои Шурои диссертатсионии 6D КОА-113 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ичро гардида, муҳаққиқ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси рӯйи ихтисоси 5.3.5.4. Назария ва методикаи таълими адабиёти тоҷик сазовор мебошад.

Хулоса. Диссертатсия ва автореферати Азимов Ҷамшед Аслиддинзода дар мавзуи «Методикаи арзёбии дастовардҳои таълимии довталабон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар асоси натиҷаҳои имтиҳонҳои

марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» як кори мукаммал, мустақил ва анҷомёфтаи илмӣ-методӣ мебошад. Кор ба талаботи бандҳои 31-35-уми «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» июни соли 2021, №267) пурра ҷавобгӯ аст.

Муқарриз:

Исматов Сулаймон Бобомуродович,

номзади илмҳои педагогӣ, мутахассиси

пешбари шуъбаи педагогика ва методикаи таълими

Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Суроға: 734063, шаҳри Душанбе, кӯчаи С. Адҳамов, 11/2,

телефон: (+992) 91-900-78-66, 227-22-30

E-mail: <ismatovsulaymon2017@gmail.com>

Имзои Исматов Сулаймон Бобомуродович, номзади илмҳои педагогӣ, мутахассиси пешбари шуъбаи педагогика ва методикаи таълими Академияи таҳсилоти Тоҷикистонро тасдиқ мекунам.

Нозири кадр ва коргузории АТТ М. Саидова

Ч.М.

11.11.2026